**КУМИТАИ КОР БО ЗАНОН ВА ОИЛАИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Spotlight Initiative
To eliminate violence aginst women and girls

**Солимии репродуктивӣ** – ин ҳолати беҳбудии комили ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва иҷтимоӣ вобаста ба ҳамаи масъалаҳое, ки ба узвҳои репродуктивӣ ва қобилияту ҷараёни он алоқамананд мебошад.

## Ҳуқуқҳои репродуктивӣ инҳоянд:

- ☑ Ҳуқуқ оид ба ҳифзи солимии репродуктивӣ
- ☑ Ҳуқуқ ба қабули қарор вобаста ба таваллуди кӯдак ё даст кашидан аз он
- ☑ Ҳуқуқ ба истифодаи кӯмаки тиббию иҷтимоӣ
- ☑ Ҳуқуқ ба иттилоот ва машварат оид ба солимии репродуктивӣ

## Синну соли репродуктивии инсон:



Аз 15 то 49 сола

**Тағйироти физиологӣ дар организми духтарон:**
Тағйирот дар рушди эҳсосот, қаду қомат, дар ғадудҳои ширӣ, афзоиши мӯй, фаромадани ҳайз, пайдоиши доначаҳо дар рӯй, инкишофи системаи асаб, тағйироти равонӣ ва ғ.

**Тағйироти физиологӣ дар организми писарон:**
Тағйирот дар овоз, бадан ва мушакҳо, узви ҷинсӣ, афзоиши мӯй, пайдоиши доначаҳо, инкишофи системаи асаб, рушди равонӣ ва ғ.

## Худдорӣ аз алоқаи ҷинсӣ – беҳтарин роҳи пешгирӣ аз бемориҳо!

- Аз алоқаҳои ҷинсии тасодуфӣ худдорӣ намоед!
- Чӣ қадар алоқаи ҷинсии тасодуфӣ зиёд бошад, ҳамон қадар хатари сироятёбӣ меафзояд.
- Ҳангоми алоқаи ҷинсии тасодуфӣ, ҳатман аз рифола истифода баред (он шуморо аз 85% бештар муҳофизат мекунад)!
- Қоидаҳои гигиенаи шахсиро риоя намоед;
- Ҳангоми бо БАҶГ сироят ёфтан, бо худтабобаткунӣ машғул нашавед, зуд ба назди табиб – венеролог равед!

**Фаромӯш накунед, ки танҳо ШУМО барои саломатии худ ҷавобгар ҳастед!**

**Саломатӣ барои мо муҳим аст!**

КУМИТАИ КОР БО ЗАНОН
ВА ОИЛАИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Spotlight Initiative
To eliminate violence aginst women and girls

**Зӯроварӣ** — кирдори зиддиҳуқуқии барқасдона ва дорои хусусияти ҷисмонӣ, рӯҳӣ, шаҳвонӣ ё иқтисодӣ аст, ки дар доираи муносибатҳои ҷамъиятӣ аз ҷониби як шаҳрванд нисбат ба дигар шаҳрванд содир шуда, тавассути роҳҳои гуногун, махсусан шабакаҳои иҷтимоӣ, интернет ва ғайра боиси поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, расонидани зиёни ҷисмонӣ ва зарар ба саломатии ӯ мегардад ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба вуҷуд меорад, мебошад.

## Зӯроварии равонӣ

Зӯроварии равонӣ - ин паст задани шаъну шарафи як шахс аз ҷониби шахси дигар бо роҳи таҳдид, таҳқир, ва маҷбуркунӣ буда, ба вайроншавии инкишофи равонӣ, ҷисмонӣ ё шахсият оварда мерасонад.

## Зӯроварии шаҳвонӣ

Зӯроварии шаҳвонӣ - ин кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи як шаҳрванд, ки ба озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии дигар шаҳрванд таҷовуз мекунад ва инчунин ҳаракатҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ, ки нисбат ба узви ноболиғи оила содир шудаанд, мебошад.

## Зӯроварии ҷисмонӣ

Зӯроварии ҷисмонӣ ин амали зиддиҳуқуқие аст, ки як шахс ба саломатии шахси дигар тавассути истифодаи қувваи ҷисмонӣ барқасдона зарар мерасонад.

## Зӯроварии иқтисодӣ

Зӯроварии иқтисодӣ - кирдори зиддиҳуқуқии барқасдонаи як шаҳрванд нисбат ба дигар шаҳрванд вобаста ба маҳрум сохтан аз манзили истиқоматӣ, хӯрок, либос, молу мулк ё воситаҳое, ки ҷабрдида тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо ҳуқуқ дорад ва ин кирдор метавонад боиси вайрон гардидани солимии ҷисмонӣ, равонӣ ё сар задани дигар ҳолатҳои ногувор гардад.

## Зӯроварӣ ҳангоми вохӯрӣ

Ба зӯроварӣ ҳангоми вохӯрӣ ҳама гуна фишори ҷисмонӣ, равонӣ ва шаҳвонии байни ҷуфте, ки зисти якҷоя надоранд, дохил мешавад. Масхара кардан, паст задани шаъни инсон, таҳдид, тафриқагузорӣ аз дигарон, беэътиноӣ, зулмоварӣ, таҳқиркунӣ дар ҷомеа, таъқиб, гунаҳкорӣ, «рашк», «хӯҷаинӣ» ва ғ. низ зӯроварӣ мебошад.

## Зӯроварии гендерӣ

Зӯроварии гендерӣ - ҳама гуна зӯроварӣ ба шахс ё гурӯҳи шахсоне, ки бо сабаби мансубияти гендериашон алоқаманд аст, ба зӯроварии гендерӣ дохил мешаванд. Он метавонад зӯроварии шаҳвонӣ, зӯроварӣ дар оила, фурӯши одамон, издивоҷи бармаҳалли маҷбурӣ ва таҷрибаҳои зарарноки анъанавӣ бошад

Дар Кодекси ҷиноятии ҶТ барои ҷавобгарии ҷиноятӣ оид ба зӯроварии ҷисмонӣ ва шаҳвонӣ **моддаҳои 104-8, 109,110-116, 117, 120, 122, 134, 138, 139, 140, 141, 142, 143.1, 238, 241.2** пешбинӣ шуданд.

Телефони боварӣ ва Маркази захиравӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила дар назди Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

**13-13**

Телефони ройгони Хизмати «Мадад»-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

**19-19**

Телефони боварии Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

**(+992 37) 221-21-21**

ЗӮРОВАРӢ АМАЛИ
**НОҲАҚ АСТ!**